# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» муҳим ва актуалӣ мебошад ва таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида дониста шуда, самараи пажуҳишоти тахассусмандонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад. Рушди минтақавӣ яке аз самтҳои калидии сиёсати иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, таҳия ва татбиқи стратегияҳои самарабахши рушд дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирии иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Коркарди назария, методология ва амалияи стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити Тоҷикистон масъалаи ҳалталаб буда, натиҷаҳои диссертатсия ба рушди назарияи иқтисодиёти минтақавӣ ва такмили сиёсати давлатӣ дар ин самт мусоидат мекунанд.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ, ки вобаста ба он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-13 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, тахти №10/ шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, алалхусус ба бандҳои 12. Фишангҳои коркарди дурнамои рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудӣ. Ояндабинӣ, форсайт, банақшагирии индикативӣ, банақшагирӣ, барномаҳо, банақшагирии буҷетӣ, ки ба натиҷа нигаронида шудааст, барномаҳои мақсаднок, нақшаҳои стратегӣ; 13. Сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат дар сатҳи ҳудудҳо: таҳлили хусусиятҳо ва баҳодиҳии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо; 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти ҳудудҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Муаммоҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи «Феҳристи самтҳои илм барои дарёфти унвони илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст дар доираи масъалаҳои коркарди дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудӣ, ояндабинӣ, банақшагирии стратегӣ, барномаҳои мақсаднок, нақшаҳои стратегӣ, сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо, таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати

иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва ҳудудҳо, мақсад ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо алоқаманд мебошад.

3. Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқот 34 кори илмӣ ва илмӣ-методӣ чоп карда шудааст, ки аз он 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва 14 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои сатҳи гуногун ба нашр расидаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

4. Хулоса дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд" қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

5. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо дурустии маълумот, ҳаҷми кифоягии маводи таҳқиқотӣ, ҷамъоварӣ, низомбандӣ, коркард ва таҳлили сарчашмаҳои мухталифи иттилоотӣ дар самти стратегияи рушди минтақавӣ, истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои бонуфузи ватанӣ ва хориҷӣ ва воситаҳои таълимӣ тасдиқ мегарданд. Муаллиф мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста аз нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян карда, методологияи таҳқиқотро бо дарназардошти ташаккулёбӣ ва инкишофи стратегияи минтақавӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ дар натиҷаҳои илмии таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

7. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси

5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Низомова Тухфамо Давлатовна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Раҳимов Абдулатиф Маҷидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- **Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Бобоҷониён Д.Д.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ Дадоматов Д.Н.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
узви шурои диссертатсионӣ Абдуқодирӣ Х.А.

« 12 » 01 соли 2026